Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
10 январи соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст,
рақами бақайдгирӣ 1115

# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

Дар бораи Меъёр ва тартиби муайянкунии лаҳзаи фавти инсон ва қатъи чораҳои эҳёгарӣ

190.010.000.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 150 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Меъёр ва тартиби муайянкунии лаҳзаи фавти инсон ва қатъи чораҳои эҳёгарӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Воҳидҳои сохтории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир гузошта шавад.

Вазир Ҷамолиддин Абдуллозода

ш. Душанбе, аз 29 декабри соли 2021, №1214

Бо фармоиши
вазири тандурустӣ ва ҳифзи
иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 декабри соли 2021, №1214
тасдиқ шудааст

# МЕЪЁР ВА ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ ЛАҲЗАИ ФАВТИ ИНСОН ВА ҚАТЪИ ЧОРАҲОИ ЭҲЁГАРӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Марги инсон дар натиҷаи фавти умумии организм ба амал меояд. Дар раванди марг марҳилаҳо ҷудо мешаванд ба агония, марги клиникӣ, марги маъзи сар ва марги биологӣ.

2. Агония ин ҷой надоштани аломатҳои берунии фаъолияти ҳаётии бадан (набудани ҳуш, фаъолияти гардиши хун, нафаскашӣ, системаи ҳаракати такягоҳ) тавсиф меёбад.

3. Ҳангоми марги клиникӣ тағйироти патологӣ дар ҳамаи системаҳо ва узвҳои ҳаётан муҳим ба вуҷуд меоянд, ки хусусияти бебозгашт доранд.

4. Марги маъзи сар пурра ва бебозгашт қатъ гардидани ҳама вазифаҳои маъзи сар мебошад, ки дар ҳолати кор кардани дил ва таҳвияи сунъии шуш ба қайд гирифта шудааст.

5. Марги биологӣ тағйироти баъдимаргӣ дар ҳамаи узвҳо ва системаҳо бо нишонаҳои доимии бебозгашти фаъолияти аъзои ҳаётан муҳими организм ифода меёбад.

6. Тағйироти пасазмаргӣ дорои аломатҳои функсионалӣ, асбобӣ, биологӣ ва аломатҳои баъдимаргӣ доранд:

1) ба аломатҳои функсионалӣ дохил мешавад:

- набудани ҳуш;
- набудани нафаскашӣ, набз, фишори хун;
- набудани аксуламалҳои ҳиссиёти ба ҳамаи намудҳои ангезанда;

2) ба аломатҳои асбобӣ дохил мешавад:

- электроэнсефалографикӣ;
- ангиографикӣ;

3) ба аломатҳои биологӣ дохил мешавад:

- аз меъёр зиёд васеъшавии гавҳараки чашмҳо;
- сафедрангӣ ва ё кабудшави лабҳо ва ё мармаршави (доғҳо)-и пӯст;
- пастшавии ҳарорати бадан;

4) ба аломатҳои баъдимаргӣ дохил мешавад:

- тағйироти ибтидоӣ;
- тағйироти баъд пайдошаванда (шахшавии мушакҳо, пайдошавии доғҳои ҷасад, хушкшавӣ).

## 2. ЛАҲЗАИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАРГИ ШАХС

7. Муайянкунии фавт аз тарафи табиб, дар набудани табиб аз тарафи кормандони миёнаи тиббӣ гузаронида мешавад. Хулосаи

тиббӣ дар бораи фавт дар асоси муайян шудани фавти бебозгашти пурраи маъзи сар (марги маъзи сар) мутобиқи дастурҳои аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқшуда дода мешавад.

8. Лаҳзаи муайян намудани марги шахс бо марги маъзи сар ё марги биологии шахс (марги бебозгашти шахс) ифода меёбад.

9. Марги биологӣ дар асоси мавҷуд будани пайдошавии аломатҳои тағйирёбии ҷасадӣ (аломатҳои ибтидоӣ ва баъд пайдошаванда) муқаррар карда мешавад.

10. Ташхиси марги маъзи сар дар муассисаҳои тандурустӣ, ки барои муайян кардани марги маъзи сар шароити зарурӣ доранд, муқаррар карда мешавад.

11. Ташхиси марги маъзи сари шахсро шурои табибони ташкилоти тиббие, ки бемор дар он ҷойгир аст, муайян мекунад. Ба шурои табибон бояд анистолог-эҳёгар ва асабшинос, ки дар шуъбаи эҳёгарӣ камаш 5 сол таҷрибаи корӣ доранд, дохил карда мешаванд. Ба ҳайати шурои табибон мутахассисоне, ки ба хориҷ кардан ва трансплантатсия (кӯчонидани) узвҳо ва ё бофтаҳо машғуланд, дохил карда намешаванд.

**3. ҚАТЪ НАМУДАНИ ЧОРАҲОИ ЭҲЁГАРӢ**

12. Чораҳои эҳёгарӣ ба барқарорсозии функсияҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла ба таври сунъӣ нигоҳ доштани функсияҳои нафаскашӣ гардиши хуни инсон нигаронида шуда, аз ҷониби корманди тиб (табиб ё фелдшер) ва дар сурати набудани онҳо аз ҷониби шахсоне анҷом дода мешаванд, ки дар соҳаи эҳёгарии дилу шуш таълим гирифтаанд.

13. Чораҳои эҳёгарӣ танҳо дар сурате қатъ карда мешавад, ки ин тадбирҳо комилан бесамар дониста шаванд ё маргӣ биологӣ муайян карда шавад, аз ҷумла:

1) ҳангоми муайян намудани марги шахс дар асоси марги маъзи сар, аз ҷумла дар заминаи истифодаи бесамари маҷмуи тадбирҳои нигоҳдории ҳаёт муқаррар карда шуда бошад;

2) дар давоми 30 дақиқа бесамар будани тадбирҳои эҳёгариҳо, ки ба барқарор кардани функсияҳои ҳаётан муҳим нигаронида шудаанд.

14. Чораҳои эҳёгарӣ гузаронида намешаванд:

1) агар аломатҳои марги биологӣ мавҷуд бошанд;

2) дар ҳолати марги клиникӣ дар заминаи авҷгирии бемориҳои боэътимод муқарраршудаи табобатнашаванда ё

оқибатҳои осеби шадиди ба ҳаёт номувофиқи табобатнашаванда.

15. Дар ҳуҷҷатҳои тиббии шахси фавтида маълумот дар бораи вақти қатъ шудани чораҳои эҳёгарӣ ва ё дар бораи муайян намудани лаҳзаи марг сабт карда мешавад.